***УДК*** *32.001*
***DOI*** *10.24412/2411-1945-2022-4-132-142*

# *МАҚОМ ВА ҶОЙГОҲИ ШАҲРВАНД ДАР РАВАНДИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ҲАЁТИ СИЁСӢ*

***Зокиров Гулмаҳмад Нозимович,*** *д.и.с., профессори кафедраи сиёсатшиносии ДМТ* ***Саидзода Шӯҳрат Шукур,*** *н.и.с., дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *МЕСТО И РОЛЬ ГРАЖДАНИНА В ПРОЦЕССЕ РЕШЕНИЯ ПРОБЛЕМ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ*

***Зокиров Гулмахмад Нозимович****, доктор политических наук, профессор кафедры политологии ТНУ;* ***Саидзода Шухрат Шукур,****к.полит.н., доцент кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *CITIZEN'S PLACE AND ROLE IN THE PROCESS OF A SOLUTION COCERNED WITH THE PROBLEM OF POLITUCAL LIFE*

***Zokirov Gulmahmad Nozimovich****, Dr. of political sciences, Professor of the Political sciences department under the Tajik National University; Tajikistan, Dushanbe*
***Saidzoda Shuhrat Shukur****, candidate of political sciences, Associate Professor, chief of the politology department under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *shuhratst@mail.ru*

*Масъалаи ҷойгоҳ ва нақши шаҳрвандон вобаста ба шароити низоми сиёсии демократӣ, ки халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимият пазируфта мешавад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар шароити муосир вобаста ба рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқи баробари иштирок дар ҳаёти сиёсиро соҳиб мебошанд, таҳқиқи масъалаи мақоми шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва дар пешрафти давлат аҳамияти илмӣ-амалӣ дорад. Зикр шудааст, ки дар муқоиса нисбат ба низомҳои сиёсии дигар шаҳрвандон дар ҷомеаи демократӣ соҳиби ҳуқуқи сиёсӣ буда, рушди давлат аз дараҷаи фаъолнокӣ ва масъулиятшиносии онҳо вобастагии зиёд дорад. Таъкид гардидааст, ки маърифатнокии сиёсии шаҳрвандон дар шароити низоми сиёсии демократӣ, рушди инернет ва ҷангҳои иттилоотӣ нисбат ба ҳар давраи дигар аҳамияти махсус дорад. Баробари иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва давлат, инчунин, огоҳона қарор қабул намудани онҳо ва наафтодан ба фиреби сиёсии ҳар гуна созмону ташкилотҳо ба ҳифзи суботу сиёсии ҷомеа таъсири назаррас дорад. Хулоса шудааст, ки чигунагии сатҳи иштирок шаҳрвандон дар пешрафти давлат на танҳо аз сатҳи дониши онҳо, инчунин аз он, ки то куҷо низоми сиёсӣ, режими сиёсӣ ба фаъолнокии мардум дар дигаргунсозӣ ва рушди ҷомеа манфиатдор аст, вобаста мебошад. Давлат метавонад бо қабул ва амалӣ намудани барномаву стратегияҳо сатҳи дониши сиёсӣ ва фаъолнокии шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсӣ баланд бардошта, неруи созандаи онҳоро барои рушди ҷомеа самаранок истифода намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *шаҳрванд, рушди ҳаёти сиёсӣ, низоми сиёсии демократӣ, дониши сиёсӣ, ҷанги иттилоотӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Обсуждается вопрос о месте и роли граждан в условиях демократической политической системы, когда народ принимается как источник власти. В современных условиях, связанных с развитием прав и свобод человека, когда все граждане имеют равные права на участие в политической жизни, исследование вопроса о статусе граждан в политической жизни общества и в развитии государства является актуальным и имеет научно-практическое значение. Отмечено, что по сравнению с другими политическими системами, граждане в демократическом обществе обладают политическими правами и развитие государства прямо зависит от уровня их активности и ответственности. Подчеркивается, что политическое сознание граждан в условиях демократического политического строя, развития Интернета и информационных войн имеет особое значение по сравнению с любой другой эпохой. Наряду с активным участием граждан в политической жизни общества и государства, их осознанным принятием решений, непопадание на политический обман какой-либо организации оказывает существенное влияние на защиту политического строя общества. Сделан вывод о том, что уровень участия граждан в развитии государства зависит не только от уровня их знаний, но и от того, насколько политическая система, политический режим заинтересованы в активности людей в преобразовании и развитии общества. Государство, принимая и реализуя программы и стратегии, может повысить уровень политических знаний и активности граждан в политической жизни, эффективно использовать их созидательный потенциал для развития общества.*

**Ключевые слова:** *граждане, развитие политической жизни, демократическая политическая система, политические знания, информационная война, Республика Таджикистан*

*The article dwells on the place and role of citizens in reference to the conditions of a democratic political system where the people is accepted as a source of power. Under today's conditions connected with the development of human rights and freedoms, where all citizens have equal rights for participation in political life, the research concerned with the status of citizens in the political life of the society and in state development is actual being of scientifico-practical importance. It is marked that in comparison with other political systems citizens in a democratic society enjoy political rights and state development depends on the standard of their activeness and responsibility. It is underscored that citizens' political consciousness under the conditions of political democratic frameworks, development of Internet and informational wars acquires special importance in comparison with any other epoch. Alongside with citizens' active participation in the political life of society and state, their conscientious adoption of solutions, evasion of political deception on the part of any organization exerts an essential influence over the defence of society's political frameworks. The conclusion is made that the standard of citizens' participation in state development depends not only o their knowledge level, but to what extent the political system, the political regime are interested in people's activeness, in transformation and development of society either. The state adopting and implementing programmes and strategics can elevate the level of political knowledge and people's activeness in political life, use effectively their creative potential for society's development.*

**Key-words:** *citizens, development, political life, democratic political system, political knowledge, informational war, Tajikistan Republic*

Ба моҳияти ҳар як падидаи иҷтимоӣ на аз рӯи он, ки одамон онро чӣ гуна дарк мекунанд ва ба он чӣ гуна муносибат доранд, балки аз рӯи асли зуҳур ва муҳиммияти

он баҳо дода мешавад. Дар ин иртибот дарки амиқи сиёсат, нақши он дар ҳаёти ҷомеа, мақоми инсон дар сиёсат ва дуруст муайян намудани моҳияту мақсади асосии падидаҳои марбут ба сиёсат вазифаи муҳаққиқони илмҳои иҷтимоӣ, бахусус, сиёсатшиносон ба ҳисоб меравад.

Одамон вобаста ба дараҷаи рушди соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва сатҳи маърифатнокиашон сиёсатро ба таври гуногун баҳогузорӣ ва дарк мекунанд. Онҳо дар раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ зери таъсири амалҳо ва равандҳои сиёсӣ қарор гирифта, дар навбати худ ба ҳайси ҳам объект ва ҳам субъекти фаъол ва ғайрифаъоли сиёсӣ дар рушди ҳаёти ҷомеа нақши муассир мебозанд. Дар сатҳи гуногун ба равандҳои сиёсӣ таъсир мерасонанд. Навъ ва сатҳи таъсиррасонии инсон ба сиёсат аз омилҳои гуногун, аз ҷумла вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва чигунагии низоми сиёсии ҷомеа пайвасти ногусастанӣ дорад.

Сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар баробари соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, дар рушди ҳар як умумияти сатҳи гуногун, аз қабили давлат нақши назаррас мегузорад. Рушди ҳаёти ҷомеаро бе сиёсат тасаввур кардан номумкин аст. Сиёсат дар пайдоиш ба раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ пайвасти қавӣ ва бевосита дорад. Дар баробари ин, дигаргуниҳои ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба инкишофи сиёсат ва низоми тағйирпазирии он таъсири муассир мерасонад.

Дар бораи сиёсат: моҳият ва хусусиятҳои асосии он ҳанӯз муҳаққи-қони замони қадим ҳам дар кишварҳои Шарқ ва ҳам дар кишварҳои Ғарб андешаҳои мухталиф иброз намудаанд. Дар байни онҳо мақоми арзанда ва афзалиятҳои гуногуну пайвастаро Арасту соҳиб гардидааст. Ӯ яке аз аввалин мутафаккиронест, ки ба таври мақсаднок дар нисбати дарки амиқи падида дар доираи муносибати моҳиятӣ амалҳои шоистаро ба кор бурдааст ва дар фаҳми классикии сиёсат мақоми махсусеро касб намудааст. Аз нигоҳи Арасту сиёсат воситаи муҳимтарини таъмини хайрияти умум аст. Мафҳуми «хайрият» дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънои хубӣ, некӣ; салоҳ ва офият омадааст [17, с.419]. Яъне сиёсат дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ падидаест, ки тавассути он ҷомеа ба некӣ, хубӣ, салоҳу офият ва ниҳоят он барои ба саодат расидани одамон мусоидат менамояд. Чунин гузориши масъала хоси ҷомеаи мутамаддини Юнони бостон буд. Вале дар минтақаҳои дигари олам, пеш аз ҳама, дар кишварҳои Шарқи мусулмонӣ бештар сиёсатро ба маънои зӯриву маҷбурист истифода намудаанд. Чунин фаҳмиш ифодакунандаи вазъи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мақоми оммаи мардум дар ҳаёти ҷамъиятиро ифода менамояд. Дар ин маврид, дар китоби Г.Н. Зокиров зикр гардидааст: «Мардум, ки асрҳои аср дар зери муносибатҳои «ҳукмронию тобеъ», «итоатнамоӣ» умр ба сар мебурданд, имконияти рӯ ба сиёсат оварданро надоштанд. Психологияи мардум низ чунин буд. Ба сиёсат олуда гаштанро раво намедонистанд. Онро кори ҳокимон меҳисоби-данд» [5, с.9]. То ҳол дар байни насли ҷавон, махсусан, ҷавонони донишҷӯ чунин фаҳмиш роиҷ аст.

Дар воқеъ агар дуруст назар намоем, тарзи муносибати инсон нисбат ба ҳар як ашёву падидаҳои иҷтимоӣ аз рӯи тарзи фаҳмиш ва чигунагии истифодаи он дар ҳаёти рӯзмара сурат мегирад. Воқеан ҳам тарзи муносибати мо бо дониш, сиёсат, сарват, давлату ҳокимият ва ҳар чизи дигар аз он вобаста мебошад, ки мо чи гуна ин падидаҳоро мефаҳмем ва онҳо кадом нақшро дар ҳаётамон иҷро менамоянд. Пас, дарки дурусти моҳияти ҳар як падидаву ашё, аз ҷумла сиёсат ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ ва дар амалияи ҷамъиятӣ дуруст корбаст шудани он бисёр муҳим мебошад.

Арасту дар асараш «Сиёсат» доир ба алоқамандии инсон бо сиёсат андешаронӣ карда, зикр менамояд, ки «…давлат ба оне, ки аз рӯи табиаташ зиндагӣ менамояд, тааллуқ дорад ва инсон табиатан мавҷудоти сиёсӣ мебошад. Ва нафаре, ки аз рӯи табиати хеш, на аз рӯи вазъияти тасодуфӣ берун аз давлат зиндагӣ менамояд, ӯ аз ҷиҳати ахлоқӣ рушднаёфта аст ва ё фавқулинсон мебошад» [2, с.9]. Аз нигоҳи Арасту

шахсе ки берун аз қонун ва ҳуқуқ зиндагӣ менамояд, аз ҳама бадтарин мавҷудот аст.

Аз назари муҳаққиқ А.Раҳнамо инсон дар меҳвари сиёсат қарор дорад: “Агар инсон набошад, на сиёсат ва на давлат маъно ва аҳамият надоранд”[1, с.36]. Пас, аз ҷониби мардум дарки амиқи сиёсату давлат ва муносибати дуруст намудан бо ин падидаҳои иҷтимоӣ бисёр муҳим ба ҳисоб меравад. Махсусан, дар ҷомеаи демократӣ, ки халқ ҳамчун сарчашмаи ҳокимият унвон дорад, ҳар чи қадар сатҳи огоҳӣ ва маърифати сиёсии шаҳрвандон баланд бошад, ҳамон андоза моҳияти рушди давлат амиқ дарк карда мешавад. Дар ҷомеаҳои анъанавӣ, яъне он ҷомеаҳое, ки мардум, асосан аз рӯи рафтору муносибатҳои ҷомеаи анъанавӣ доштанд, сатҳи маърифати сиёсии одамон поён буда, ҳодисаву равандҳои сиёсии ҷомеа, асосан тавассути иродаи роҳбарон ва умумиятҳо ва гурӯҳи бисёр хурди ҷомеа пеш мерафт. Дар чунин низом давлат зарурати баланд бардоштани маърифати сиёсии мардумро ҳатто зарур намедонад ва доираи хеле андак, хосатан аҳли дарбор нисбатан дараҷаи баланди огоҳии сиёсӣ доштанд ва барои баланд бардоштани дониши сиёсӣ ва худогоҳии мардум дар ҷомеа ягон институти махсус ва низоми таъсиррасон амал намекард. Чунин муҳити ҷомеа дар давраҳои пеш ҳолати маъмулӣ ҳисобида шуда, тағйироти назаррас дар тарзу усули муносибатҳои сиёсӣ ва идоракунии сиёсӣ, танҳо дар ҳолати таъсири қувваҳои беруна, яъне дар ҳолати ҷангу табаддулоти ҳарбӣ ба миён меомад.

Пас маълум мегардад, ки ҳар чи қадар одамон аз маърифати баланди сиёсӣ бурхурдор бошанд ва дар ҷомеа арзишҳои демократӣ эътироф ва эҳтиром карда шаванд, одамон низ ба сиёсату идораи давлатӣ фаъолтар ширкат менамоянд ва имконияти бештари ба равандҳои сиёсии ҷомеа таъсир намуданро пайдо мекунанд. Аммо, то кадом андоза ҳавасманд будани давлат нисбати баланд бардоштани маърифати сиёсии шаҳрвандон аз шароити таърихӣ ва низоми сиёсии он вобаста мебошад.

Саволе ба миён меояд, ки вобаста ба шароити имрӯзаи таърихӣ ва вазъи сиёсиву геополитикии ҷаҳон то куҷо барои шаҳрвандон аз худ кардани дониши сиёсӣ ва иштирок дар сиёсат муҳим аст? Низои дохилӣ дар ибтидои солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон ва вазъи ҳассоси сиёсиву геополитикии ҷаҳони муосир, ки торафт шиддати бештар пайдо намуда истодааст, хоҳу нохоҳ зарурати таҳким бахшидани истиқлоли давлатӣ ва муттаҳидии кишварро ба миён овардааст. Дар чунин шароит барои иттиҳоду сарҷамъии мардум дарки дурусти сиёсат ва равандҳои сиёсии замони муосир ва иштироки фаъолона дар ҳаёти сиёсии ҷомеа бисёр муҳим мебошад. Махсусан, таҷрибаи талхи низои дохилии солҳои 90-уми асри гузашта моро ҳушдор медиҳад, то иштибоҳҳоро бори дигар такрор накунем ва манфиатҳои миллиро аз ҳама гуна манфиатҳои шахсиву гурӯҳӣ боло гузорем. Буҳрони солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва шароити бисёр ҳассоси сиёсиву геополитикӣ, ҳамчунин фаъолгардии ҳизбу созмонҳои ифротгаро зарурати баланд бардоштани донишҳои сиёсии шаҳрвандон, махсусан насли ҷавонро тақозо менамоянд.

Илова бар ин, дар ҷомеаи демократӣ зиндагӣ намуда, берун аз сиёсат будан номумкин аст. Ҳодисаву падидаҳои сиёсии ҷомеа бавосита ва ё бевосита ба рафтору афкори шахс таъсири муайян мерасонад ва хоставу нохоста ҳар нафар зери таъсири он қарор мегирад. Ҳанӯз Арасту майл ба сиёсат доштани шахсро як чизи табиӣ шуморида, «инсонро мавҷуди сиёсӣ» номидааст. Шахс дар ҷомеа зиндагӣ намуда, ё таъсири худро ба сиёсат мерасонад ва ё зери таъсири он қарор мегирад. Махсусан дар низоми имрӯзаи ҷомеа мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар кишвар қабул гардидааст, доираи ҳуқуқҳои сиёсии шахс барои иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа бисёр фарох буда, шаклгирии ҳодисаҳои сиёсӣ то ба андозае аз рафтори ҳар як узви ҷомеа вобастагӣ пайдо мекунад. Барои иштироки фаъолонаи мардум дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи демократӣ, ки Тоҷикистон дар самти таҳкими он қарор дорад,

мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои байналмилалӣ ҳуқуқҳои зиёд муайян гардидаанд. Он қонунҳо ба ҳар шаҳрванд, аз як тараф, имконияти иштирок дар ҳаёти сиёсии давлат фароҳам оранд, аз тарафи дигар, масъулияти ӯро барои қабули қарорҳои дурусти сиёсӣ бештар менамоянд. Бо назардошти ин, дар давлати демократӣ, барои иштироки фаъолонаи ҳар нафар ба сиёсат дониши муайяни сиёсӣ зарур аст, зеро, ноогоҳӣ ва бемаърифатии сиёсӣ ба шахс имкон намедиҳад, ки қарори дурусти сиёсӣ қабул намуда, ба ҳодисаҳои сиёсӣ таъсири чашмрас расонад. Гузашта аз ин, паст будани сатҳи дониши сиёсӣ эҳтимоли афтодани шахсро ба доми фиреби сиёсии созмонҳои ифротӣ бештар менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани маърифати сиёсӣ бо вазъияти сиёсии дохил ва хориҷи кишвар, масъалаҳои таъмини суботу амният, ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, ҳимояи шаҳрвандон аз гаравиш ба ҳизбу созмонҳои ифротгаро ва таъмини амнияти давлатӣ вобастагии қавӣ ва ҳамешагӣ дорад.

Имрӯз дар шароити рушди бомароми иттилоот, агар аз як ҷониб, омилҳои инкишофдиҳандаи маърифати сиёсӣ зиёд бошад, аз тарафи дигар, мавҷуд будани сарчашмаҳои зиёди иттилоот ва идома ёфтани ҷанги иттилоотӣ байни кишварҳои ҷаҳон маводҳои фиребандаву ғайривоқеиро зиёд намудааст, ки мардум дар ҳолати дониши дурусти сиёсӣ надоштан, ба фиреби сиёсии онҳо афтоданашон аз эҳтимол дур нест. Дар шароити ҷанги иттилоотии кишварҳои абарқудрат ва торафт пурзӯр шудани нақши ВАО дар ташаккули афкори ҷомеа, боло бардоштани иқтидори моддиву техникӣ ва кадрии рӯзноманигорон бисёр муҳим аст. “Торафт вобастагии инсон ва мақомоти давлатию ҷамъиятӣ аз ВАО бештар гардида, он ба яке аз яроқҳои муассир дар ҳаёти ҷомеа табдил ёфтааст”[13, с.119]. Ба қавли муҳаққиқон, имрӯз ВАО аз ҳадафи аввалияи худ, ки таъмини дастрасии ҷомеа ба иттилоот буд, хеле дур рафтааст ва ба як сохтори пуриқтидори идеологӣ табдил ёфтааст. Воситаҳои ахбори омма имрӯз ба ҳайси аслиҳаи пуриқтидори таблиғоти сиёсӣ ва воситаи хеле нерӯманди таъсиррасонӣ ба тафаккур ва рафтори одамон ба шумор меравад[18, с.339].

Дар шароити ҷанги иттилоотӣ тавонбахшии ВАО-и ватанӣ, ҳимоя намудани амнияти иттилоотии Тоҷикистон ва, гузашта аз ин, ба мухотабон пешниҳод намудани муҳтавои ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллӣ метавонад ба таҳкими суботи сиёсӣ ва инкишофи афкори солими сиёсии шаҳрвандон таъсири назаррас дошта бошад. Васоити ахбори омма тавассути фаъолияти худ метавонанд одамонро вориди сиёсат гардонида, дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо тағйироти куллиро ба амал оранд, ки дар ин ҷода сабти дурусткорӣ ва воқенигоронаи кормандони ВАО мақоми баландро касб менамояд[3, с.138].

Чуноне ки мушоҳида мегардад, кишварҳои абарқудрат бо мақсади ҳифзи амнияти иттилоотӣ маблағҳои зиёд сарф менамоянд ва бо ин роҳ бурди зиёди сиёсиву иқтисодӣ ба даст меоранд.

Дар шароити имрӯзаи рушди иттилоот таъсири манфии ҳизбу созмонҳои ифротӣ ба афкори ҷавонон ба назар мерасад. Дар чунин шароит доштани маърифати баланди сиёсӣ ва зиракии сиёсӣ ба ҷавонон имкон медиҳад, ки ба доми фиреби ҳар гуна созмонҳо наафтанд. Чуноне ки дар ин маврид Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар таъкид намудаанд: «Дар шароити имрӯза, ки талоши тамоми қувваҳои иртиҷоиву ифротӣ барои таъсиррасонӣ ба мафкураи ҷавонон ва моил сохтану истифодаи қувваи бузурги онҳо барои амалӣ намудани ҳадафҳои муғризонаи худ равона шудааст, ҷавонони мо бояд бисёр ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва манфиатҳои милливу давлатиро ҳатто як лаҳза ҳам фаромӯш накунанд»[16].

Паст будани сатҳи дониши сиёсӣ ва фаъолнокии сиёсӣ, инчунин мавҷуд набудани механизмҳои муассири ҳавасмандсозии шаҳрвандон барои иштирок дар корҳои давлатӣ метавонад шахсро аз равандҳои сиёсӣ дар канор нигоҳ дошта, майлу рағбати

ӯро нисбати иштирок дар сиёсат коҳиш диҳад. Ба канор рафтан ва ё наздик шудани мардум ба ҳаёти сиёсии ҷомеа аз хусусиятҳои рушди системаи сиёсӣ вобаста мебошад. «Мардум аслан на аз сиёсат, балки аз системаи мавҷудаи сиёсӣ худро бегона ва дур ҳис мекунанд. Ин система ба шаҳрвандон на ҳамчун субъектҳои масъули амалиёти сиёсӣ, балки чун истеъмолкунандагони ғайрифаъол муносибат дорад» [4, с.237]. Набудани шароит барои иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа эҳтимолияти рақобати сиёсии миёни ҳизбҳои сиёсиро ғайриимкон гардонида, оммаи мардумро аз сиёсат ва корҳои давлатӣ дур месозад.

Дар шароити имрӯза дар аксарияти кишварҳои дунё, аз ҷумла дар Тоҷикистон низоми демократӣ бо эътирофи мардум ҳамчун сарчашмаи ҳокимият ба ҳар узви ҷомеа имконияти бевосита ва бавосита дар идоракунии давлатӣ иштирок намуданро фароҳам намудааст. Чуноне ки дар моддаи 6-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст»[6]. Мутобиқи моддаҳои 27,28,29,30,31-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрванд як қатор ҳуқуқҳои сиёсӣ муайян гардидааст.

Дар моддаи 21-уми Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки Тоҷикистон онро ҳамчун санади муҳимми байналмилалӣ пазируфтааст, масъалаи ҳуқуқи иштироки шахс дар ҳаёти давлат махсус оварда шудааст: «Ҳар як инсон ҳақ дорад, бевосита ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шуданд, дар идораи корҳои кишвари худ ширкат намояд. Ҳар як инсон дар кишвари худ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар дорад»[19].

Чунин муқаррароти қонунгузории дохилӣ ва санадҳои байналмилалӣ ба шаҳрвандон аз ҷиҳати ҳуқуқ имкон медиҳад, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва дар идораи давлатӣ бевосита ва ё бо воситаи вакилон ширкат намоянд.

Иштироки сиёсии шаҳрванд дар идоракунии давлат дар низомҳои демократӣ дар шаклҳои зерин сурат мегирад:

1) ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан дар мақомоти намояндагии давлат бевосита ва ё бо воситаи намояндагон худ;
2) ҳуқуқи муттаҳид шудан дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар ҳизбҳои сиёсӣ;
3) ҳуқуқи гузаронидани митинг, гирдиҳамоӣ ва ҷамъомадҳо;
4) ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооти объективӣ тавассути воситаҳои ахбори оммаи озод;
5) ҳуқуқи мурочиат намудан ба мақомотҳои давлатӣ ва ғайра[12].

Шаҳрванд тавассути узвият дар ҳизби сиёсӣ ва иштирок намудан дар интихобот ба ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсири муайян мерасонад. Чуноне ки сиёсатшинос А. Маҳмадов зикр намудааст: «Инсон дар фаъолияти сиёсии худ метавонад, ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонида, онҳоро мувофиқи ҳадафҳои худ идора намояд. Аз ин рӯ, сохтори сиёсии ҷомеа ва тасвири олам бевосита ба инсон ва аз инсон вобастагӣ дорад» [9, с.27]. Воқеан ҳам, нақши инсон, ҳамчун офаранда ва субъекти сиёсат, дар ҳаёти ҷомеа ва давлат бисёр назаррас мебошад. Ҳама гуна дигаргуниҳо ва тағйироти иҷтимоиву сиёсӣ маҳз зери таъсири иродаи шахс ва гурӯҳи муайяни шаҳрвандон, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ, махсусан сарварони сиёсӣ ва элитаи сиёсӣ, ки ҷомеа бештари вақт зери таъсири иродаи онҳо қарор дорад, ба вуҷуд меояд.

Дар ҷомеаи демократӣ, ки меъёру доираи муносибати байни ҳокимият ва шаҳрвандон ва байни дигар субъектонро асосан қонун муайян менамояд, сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва риояи қонунҳои дар ҷомеа амалкунанда бисёр зарур мебошад. Рушди соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат замоне имконпазир мегардад, ки шаҳрвандон қонунҳои дар кишвар қабулшударо донанд ва риоя намоянд. Дар воқеъ, ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва пешрафтаро танҳо шаҳрвандони фаъол ва дорои

маърифати баланди сиёсиву иқтисодӣ бунёд карда метавонанд.

Вобаста ба ин, ба андешаи бархе аз олимон яке аз вазифаҳои муҳимми давлат ва ҷомеа тарбия кардани шаҳрвандон мебошад[20, с. 22,49,54]. Давлат дар асоси қабул намудани барномаву консепсияҳои мушаххас ва бо таҳия намудани барномаи махсус дар тарбияи сиёсии шаҳрвандон нақши назаррас мебозад. Муҳайё намудани шароити мусоид барои инкишофи фаъолнокии шаҳрвандон иштироки аҳолиро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа асоснок менамояд, зеро маҳз аҳолии фаъол қодир аст, ба рафти ҷараёнҳои сиёсӣ, хусусан ислоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа, ки дар давраи гузариш ба миён меояд, таъсир расонад[15, с.82].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Консепсияи миллии тарбия масъалаи тарбияи сиёсии шаҳрвандон махсус қайд шудааст: «Тарбияи сиёсӣ аз зарурати фаъолияти сиёсии шаҳрвандон дар ҳаёти ҷомеа ба миён меояд. Шаҳрванд дар фазои сиёсӣ ҳаёт ба сар бурда, бояд сохтор ва нерӯҳои сиёсии ҷомеаро донад, аз ҳуқуқи худ барои иштирок дар идораи давлат истифода бурда тавонад, узви ҳизби сиёсӣ бошад ва ё ба иттиҳодияи ҷамъиятии дигар дохил шуда, дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ширкат варзад, дар интихобот ба сифати интихобкунанда ва ё интихобшаванда иштирок намояд, аз тариқи маҷлису гирдиҳамоиҳо ва намоишу роҳпаймоиҳои қонунӣ ақида ва ё андешаи дигари сиёсии худро иброз дорад, аз ҳуқуқи озодии сухан ва дигарақидагӣ истифода барад»[10, с.22-23].

Мутобиқи Консепсияи мазкур тарбияи сиёсӣ баробари дигар навъҳои тарбия бисёр муҳим буда, он ҳам барои дуруст омӯхтани сиёсат ва давлат ва ҳам барои иштироки фаъолона намудан дар ҳаёти сиёсии мамлакат зарур мебошад.

Алҳол роҳи асосии таъсир расонидани шаҳрвандон ба ҳаёти сиёсӣ тавассути иштирок дар интихобот ва овоздиҳӣ имконпазир мебошад. Яке аз нишондиҳандаҳои иштироки шаҳрвандон дар сиёсат ширкат дар интихоботҳои парлумониву президентӣ буда, кадом ҳизби сиёсӣ ғолиб омаданаш дар интихобот аз овози шаҳрвандон вобаста мебошад.

Дар давлати демократӣ ташаккули инсони дорои маърифати баланди сиёсиву ҳуқуқӣ ва шаҳрвандоне, ки низому тартиботи сиёсии ҷомеаро пазируфта бошанд, вазифаи муҳимми давлат ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи Арасту агар шаҳрвандон тартибу низоми давлатдориро наомӯзанд ва дар рӯҳияи чунин давлатдорӣ тарбия наёбанд, ҳатто беҳтарин қонунҳое, ки ҳама давлатмардон ба як овоз қабул кардаанд, ягон фоида надорад[21, с.58]. Пас, баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон вазифаи муҳимми давлат ба ҳисоб рафта, коркарди механизми дурусти тарбияи сиёсии шаҳрвандон дар зинаҳои таҳсилот ба ин раванд мусоидат менамояд.

Таҳкими истиқлоли давлатӣ ва рушди он аз болоравии сатҳи маърифат ва фаъолнокии шаҳрвандон вобастагии зич дорад. Ба таври дигар, давлат дар ҳамон ҳолат бо суръати баланд рушд мекунад, ки дар пешрафти он ҳарчи бештар нерӯи шаҳрвандон истифода гардад.

Беш аз пеш доман паҳн намудани идеологияҳои сиёсии ифротӣ, тундгароӣ, терроризм, ҷангҳои иттилоотӣ ва рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ давлатро ба баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсии шаҳрвандон ва зиракиву ҳушёрии сиёсии онҳо водор месозад, зеро, яке аз сабабҳои ба доми фиреби сиёсии созмонҳои ифротӣ афтодани шаҳрвандон ин ҳамон паст будани сатҳи маърифати сиёсӣ мебошад. Ба андешаи муҳаққиқон, дар муқобили ҷаҳл ва амалкарди бадхоҳон фақат тавассути такя кардан ба илм, маърифат, усули шинохти аъмоли зиддимиллӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва истодагарии мақсаднок ғолиб омадан мумкин аст[20, с.77].

Вақте масъалаҳои сиёсӣ аз ҷониби шаҳрвандон ҳаматарафа ва дуруст дарк карда намешавад, он гоҳ фаҳми нокомили масъалаҳо ва ба фиреби сиёсӣ афтодани онҳо имконпазир мегардад. Бинобар ин, ҳоло дар шароити Тоҷикистон мавзӯи таълими донишҳои сиёсӣ ба шаҳрвандон, аз ҳарвақта дида муҳимтар гардидааст, зеро, дар

солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар сар задани низои доихилӣ ин иштибоҳи сахти сиёсӣ буд ва тоҷикон фирефтаи бегонагон гардиданд, ки дар натиҷаи он Тоҷикистон даҳсолаҳо аз лиҳози иҷтимоиву иқтисодӣ қафо монд ва ҷомеаи тоҷик талафоти зиёди моливу ҷонӣ дод[14, с.99].

Аз ин ҷиҳат низ омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, махсусан сиёсатшиносӣ муҳим мебошад. Ба андешаи Маҳмадов А.Н. "сиёсатшиносӣ ҳамчун фанни муосир ва муназзами низоми ҳокимияту давлатдорӣ рӯз то рӯз мавқеъ ва нуфузи хешро мустаҳкам намуда, барои рушду инкишофи ҷомеа зарурияти қавӣ пайдо намудааст"[7, с.11].

Бо назардошти муҳим будани омӯзиши донишҳои сиёсӣ ҳоло дар тамоми мактабҳои олӣ фанни сиёсатшиносӣ таълим дода мешавад. Донишҷӯ ҳангоми омӯзиши фанни сиёсатшиносӣ на танҳо бо он масъалаҳое ошно мешавад, ки дар оянда рӯ ба рӯ мегардад, балки ҳодисаҳои сиёсии гузаштаро аз рӯи категорияҳо ва қонуниятҳои сиёсӣ дарк намуда, ояндаи ҳаёти ҷомеаро вобаста ба вазъи имрӯзаи сиёсии ҷомеа пешбинӣ менамояд. Донишҳо ва маҳоратҳои сиёсӣ барои ҷавонони донишҷӯ, ки дар оянда ҳамчун элитаи кишвар дар парламент, мақомоти маҳаллии ҳокимият, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фаъолият пеш хоҳанд бурд, зарурӣ ба ҳисоб меравад[8, с.211].

Гузашта аз ин, баланд будани сатҳи маърифати шаҳрвандон ба пешрафти ҷомеаи демократӣ таъсири мусбат расонида, садди роҳи ба вуҷуд омадани низоъ дар ҷомеа низ мегардад. "Мутобиқи маълумотҳои сад кишвари ҷаҳон, ки дар панҷоҳ соли охир ҷамъоварӣ гардидааст, асосан низоъ ба давлатҳои аз ҷиҳати маориф ақибмонда хос мебошад"[11].

Ташаккули дониши сиёсии шаҳрвандон, ҳамчунин табдил додани онҳо ба шаҳрванди соҳибмаърифат ва иштирокчии фаъоли равандҳои сиёсӣ имкон медиҳад, ки шаҳрвандон аз рӯи донишу таҷриба ва манфиатҳои шахсӣ ва мақоми узвияташон дар ҳизби сиёсӣ ба сиёсат бештар пайваста, ба ҳаёти сиёсии ҷомеа фаъолона ширкат намоянд. Ҳадафи дарки дурусти сиёсат низ маҳз дар ҳамин маъно ифода меёбад, ки шаҳрвандон падидаи мазкурро дуруст дарк карда, дар роҳи расидан ба мақсадҳои хеш ва рушди ҷомеа талош намоянд. Сиёсатмадорон, ки тақдири миллату давлат аз онҳо вобастагии зиёд дорад, иқтидору имконияти давлатро ба пуррагӣ ба нафъи ҷомеа истифода намоянд. Дар воқеъ маҳз чунин сарварон рисолати аслии хешро иҷро намуда, ҷомеаро ба самти рушди босубот сафарбар месозанд, зеро онҳо хуб дарк намудаанд, ки бойигарии асосии давлат шаҳрвандони босавод буда, иқтидору ояндаи кишвар аз онҳо вобастагии зиёд дорад. Дар асл ҳам чунин аст, ки маҳз шаҳрвандони босаводу мутахассисони соҳибкасб давлатро ободу пешрафта менамоянд.

Муносибати некбинонаи ҳар шахс ба сиёсат ва дарки амиқи моҳияти он ба манфиати ҷомеа буда, он ба рушди фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, гуногунандешии сиёсӣ, таҳкими истиқлолият ва суботи сиёсӣ мусоидат намуда, ба сатҳи иштироки шаҳрвандон дар рушди ҷомеа таъсири назаррас мегузорад.

Неруи шаҳрвандон дар ҳар шароит метавонад ҳам ба самти конструктивӣ ва ҳам деструктивии ҷомеа ва давлат сафарбар гардад. Аз нигоҳи мо, фаъолгардии мардум дар ҷомеа хосияти конструктивӣ дошта бошад. Дар чунин ҳолат нерӯи шаҳрвандон ҳамаҷониба ба самти рушди давлат равона мегардад. Дар воқеъ ҳам, шаҳрвандон замоне ба корҳои созандагӣ рӯ меоранд, ки дониши хуби сиёсӣ ва маърифати шаҳрвандӣ дошта бошанд ва дар ҳаёти ҷомеа фаъолона ширкат намоянд. Маҳз маърифати баланди сиёсӣ имкон медиҳад, ки мардум падидаву ҳодисаҳои сиёсӣ ва паёмадҳои амали худро дуруст дарк намоянд. Шаҳрвандон бо роҳи дониши сиёсӣ, доштани тафаккури созанда ва ширкати фаъолонаашон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва давлат худ ба таври автоматикӣ монеаи паҳнгардии идеологияи ифротӣ ва амалан садди роҳи таъсис ва фаъолияти созмонҳои ғайриқонунӣ дар ҷомеа мегарданд. Вақте

шаҳрвандон манфиати хешро дар ҳифзи тартибот ва рушди давлат мебинанд, созмону ташкилотҳои ифротӣ имкони амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки худро пайдо нахоҳанд кард ва неруи фикриву ҷисмонии онҳо ба самти корҳои созандагӣ ва рушди давлат равона мегардад.

Дар хулоса ҳаминро бояд зикр намуд, ки дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа сиёсат ба рушди ояндаи Тоҷикистон таъсири фавқулода дорад. Бинобар ин баланд бардоштани сатҳи дониши сиёсӣ ва фаъолнокии шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, фароҳам намудани шароити зарурӣ барои иштироки мардум дар равандҳои сиёсии ҷомеа бисёр муҳим буда, он ба рушди демократия, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пешрафти давлат нақши назаррас дорад.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Абдуллоҳ, Р. Дидгоҳи давлатмеҳвар / Р. Абдуллоҳ. – [Матн]. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 248 с.*
2. *Аристотель. Политика / Аристотель. – [Матн]. Пер. с. др.-гр. С.А. Жебелева. – СПб.: Азбука, 2018. – 352 с.*
3. *Ахмедов, Ш.Р. Мақом ва нақши васоити ахбори омма дар сиёсат / Ш.Р. Ахмедов. – [Матн] // Паёми ДМТ. – 2014. – №3-8. – С.137-140.*
4. *Девид, М. Сиёсат барои мардум / М. Девид. – [Матн]. – Душанбе, 1998. – 315 с.*
5. *Зокиров, Г.Н. Сиёсатшиносӣ / Г.Н. Зокиров. – [Матн]. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 520 с.*
6. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.*
7. *Маҳмадов, А.Н. Сиёсатшиносӣ / А.Н. Маҳмадов. – [Матн]. – Душанбе: ДМТ, 2010. – 288 с.*
8. *Мирясова, О.А. Политическая социализация молодежи в процессе участия в протестных движениях / О.А. Мирясова. – [Матн] // Мониторинг общественного мнения. – 2010. – №5(99). – С. 216-220.*
9. *Муҳаммад, А.Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа / А.Н. Муҳаммад. – [Матн]. – Душанбе, Империал-групп, 2018. – 240 с.*
10. *Набиҷонова, М.Р. Консепсияи миллии тарбия – ифодагари арзишҳои миллӣ / М.Р. Набиҷонова, С.Х. Давлатов, А. Ғафуров. – [Матн]. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 400 с.*
11. *Обеспечение мира через участие в политической жизни, общественное спокойствие и доступ к правосудию. – URL: http://gem-report-2016. unesco.org/ru/chapter (санаи муроҷиат: 01.04.2022). – [Манбаи электронӣ].*
12. *Обеспечение равного осуществления прав и равноправного участия в политической и общественной жизни. – URL: https://www.osce. org/files/f/documents/4/a/340626.pdf (санаи муроҷиат: 31.03.2022). – [Маводи электронӣ].*
13. *Рубчевский, К.В. СМИ и проблема развития личности / К.В. Рубчевский. – [Матн] // Философия и общество. – 2006. – №1. – С. 117-131.*
14. *Саидзода, Ш.Ш. Ҷавонон – омили ҳастии миллат ва таҳкими давлат Ш.Ш. Саидзода. – [Матн]. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 230 с.*
15. *Сафарова, М.Ш. Рафтори сиёсӣ ва баъзе хусусиятҳои муҳими он дар раванди ба даст овардани истиқлолият / М.Ш. Сафарова. – [Матн] // Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – С.80-84.*
16. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар. – URL: http://president.tj/node/25799 (санаи муроҷиат: 28.03.2022). – [Маводи электронӣ]*
17. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – [Матн]. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2015. – 945 с.*

18. *Фаттоҳзода, С.С. Давлат, сиёсат, ҷомеа / С.С. Фаттоҳзода, Б. Ҳамдамов, С. Саидов. – [Матн]. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 616 с.*
19. *Эъломияи умимии ҳуқуқи башар. – URL: http://unicode. org/ udhr/d/udhr_tgk.txt (санаи муроҷиат: 31.03.2022). – [Маводи электронӣ]*
20. *Юлдошева, Ҷ. Тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ / Ҷ. Юлдошева. – [Матн]. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 184 с.*
21. *Ятимов, С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ / С. Ятимов. – [Матн]. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 208 с.*

**Reference Literature:**

1. *Abdullah R. State-Oriented View// R.Abdullah. – [Text]. – Dushanbe: Er-Graph. 2021. – 248pp.*
2. *Aristotel. Politics// Aristotel. – [Text]. Translation from Ancient Greek by S.A.Zhebelev. – Spb: Alphabet. 2018. – 352pp.*
3. *Ahmedov Sh.R. MM Place and their Role in Politics // Sh.R.Ahmedov. – [Text] Bulletin of the Tajik National University (TNU). – 2014, ## 3,8. – pp. 137 - 140*
4. *David M. – Politics for the People. // M.David. – [Text]. – Dushanbe. 1998. – 315pp.*
5. *Zokirov G.N. Political Science// G.N.Zokirov. – [Text]. – Dushanbe: Er-Graph. 2010. – 520pp.*
6. *Tajikistan Republic Constitution. – [Text]. – Dushanbe: Treasure. 2016. – 135pp.*
7. *Mahmadov A.N. Political Science// A.N.Mahmadov. – [Text]. – Dushanbe: TNU. 2010.- 288pp.*
8. *Miryasova O.A. Political Socialization of Youth in the Process of Participation in ProtestMovements// O.A.Miryasova. – [Text]. Social Opinion Monitoring. – 2010, #5 (98). – pp. 216-220*
9. *Muhammad A.N. Man, Politics, Society // A.N.Muhammad. – [Text]. – Dushanbe: Imperial-Group. 2018. – 240pp.*
10. *Nabijonova M.R. National Conception of Upbringing as an Expressor of National Values. // M.R.Nabijonova, S.H.Davlatov, A.Gafurov. [Text]. – Khujand: Publisher. 2014 – 400 pp.*
11. *Insurance of Peace through Participation in Political Life, Social Tranquillity and Access to Justice. - URL: http://gem-report-2016. unesco.org/ru/chapter (Date of appeal: 01.04.2022). – [Electronic resource].*
12. *Insurance of Equal Effectuation of Rights and Equal Participation in Political and Social Life. - URL: https://www.osce. org/files/f/documents/4/a/340626.pdf (Date of appeal: 31.03.2022). – [Electronic resource].*
13. *Rubchevsky K.V. MM and the Problem of Individual's Evolution // K.V.Rubchevsky. – [Text]. // Philosophy and Society. 2006, # 1. – pp. 117 – 131*
14. *Saidzoda Sh.Sh. Youth as a Factor of Nation's Being and State Consolidation // Sh.Sh.Saidzoda. – [Text]. – Khujand: Publisher. 2019. – 230pp.*
15. *Safarova M.Sh. Political Behavior and some of its most Important Peculiarities in the Process of Independence Acquisition// M.Sh.Safarova. – [Text]// Actual Problems of Political Processes in Tajikistan. – Dushanbe: Er-Graph. 2015. – pp. 80-84*
16. *TR President's Speech at the Meeting with Country's Youth. – [Text]. – Dushanbe: URL: http://president.tj/node/25799 (Date of appeal: 28.03.2022). – [Electronic resource]*
17. *Interpretation Dictionary of the Tajik Language . Volume 2.- [Text]. – Dushanbe: The Institute of Language and Literature named after Rudaki. 2015. – 945pp.*

18. *Fattohzoda S.S. State, Politics, Society.// S.S. Fattohzoda, B.Hamdamov, S.Saidov. – [Text].- Khujand: Publisher. 2018.- 616pp.*
19. *General Declaration of Human Rights. - URL: http://unicode. org/ udhr/d/udhr_tgk.txt (Date of appeal: 31.03.2022). – [Electronic resource]*
20. *Yuldosheva Dj. Civil-Legal Upbringing// Dj.Yuldosheva. – [Text]. – Dushanbe: Bukhara. 2013. – 184pp.*
21. *Yatimov S. Domination of Intellect and Traditions of Statehood // S.Yatimov. – [Text]. – Dushanbe: "Treasure" Publishing–House. 2019. – 208pp.*